**Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-002**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ яке аз шаклҳои дахолати давлат ба иқтисодиёт мебошад. Зарурияти чунин таъсиррасонӣ бо талаботи ҳифзи манфиатҳои оммавӣ, риояи афзалиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди давлат муайян мегардад. Танзими давлатии иқтисодиёт дар умум фаъолияти мақсадноки мақомотҳои давлатиро доир ба ташкил, идоракунӣ ва назорати фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро дар бар мегирад. Таъсиррасонии давлат ба муносибатҳои иқтисодӣ бояд дар доирае, ки қонун муқаррар кардааст, амалӣ гардад.

Тавре муҳақиқ дуруст иброз медорад, ки мудохилаи давлат ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба инҳо алоқаманд аст: пешгирии садамаҳои экологӣ ва ҳалли масъалаҳои экологӣ; мубориза бар зидди ҷинояткориҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ; бартараф намудани бухрони иқтисодӣ ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ; назорат ба истифодаи захираҳои умумимиллӣ; функсияи идоракунии давлат: пешгӯйии ҳолатҳои номусоид ба иқтисодӣ ва бартараф намудани онҳо; таъминоти иттилоотӣ ва назорати иҷрои меъёрҳо ва маҳдудиятҳо; таъмини моддию техникӣ ва молиявии лоиҳаҳои умумимиллӣ.

Дар таҷрибаи ҷаҳонии кишварҳои мутараққӣ се навъи асосии иқтисоди бозорӣ, пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ, яъне бозори либералӣ, бозори тамоили иҷтимоидошта ва омехта мушоҳида мешавад. Онҳо пеш аз ҳама бо дараҷаи танзими давлатии иқтисодиёт аз ҳамдигар фарқ

менамоянд. Аломатҳои хоси иқтисоди навъи либералӣ аз он иборат аст, ки чунин навъи иқтисод ба дахолати на чандон зиёди давлат, озодии ҳамаҷонибаи субъектҳои хоҷагӣ, ба иштироки камтари давлат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ асос ёфта, танзимнамои хислати монетарӣ дошта, дар доираи ҷараёнҳои макроиқтисодӣ маҳдуд мегардад. Чунин навъи иқтисоди бозорӣ танҳо дар сурати ноил шудан ба дараҷаи баланди инкишофи иқтисодиёт имконият медиҳад, ки сатҳи баланди зисти қисми зиёди шаҳрвандонро таъмин намояд.

Мақсади таҳқиқоти илмиро таҳлили проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқарраротӣ қонунгузорӣ, ки танзими ҳуқуқии инҳисори табииро ба танзим медароранд, ба ҳисоб рафта, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ фаро мегирад. Барои расидан ба мақсадҳои иброзгардида муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ як қатор вазифаҳоро муайян намуда ҳамчун самти мушаххаси таҳқиқот баррасӣ намудааст.

Нововарии диссертасия дар он аст, ки танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯан дар илми ватанӣ то ҳол таҳқиқи худро наёфтааст. Ҳамзамон дар давраи муосири танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ба гузаронидани таҳқиқи маҷмӯии масоили асосӣ, аз ҷумла дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои нави хориҷии доктриналӣ, ки таҳлилашон дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло гузаронида нашудааст, ба вуҷуд меояд. Таҳқиқоти мазкур дар илми ватанӣ аввалин пажӯиши илмӣ дар бораи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ мебошад.

Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо назардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Аз ҷумла усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд. Ҳамаи

ин ба таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар амал нигарнида шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад. Автореферати диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Дар пешниҳоди якуми ба нуктаҳои илмии манзуршаванда муаллиф инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши инҳисори табиӣ вобаста ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба инҳисори табиӣ ба ду марҳила тақсим шудааст. Аммо муаллифро зарур буд, ки давраҳои пеш аз Истиқлолияти давлатиро дар самти инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши инҳисори табиӣ омӯхта хулосаҳои судмандро пешниҳод мекард.

Эроде, ки дар боло зикр шуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри

соли 2016, тахти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Маҳмадшозода Ф.А.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 13. Тел.: (+992 237) 227-47-71, 227-42-43. E-mail: info@mmk.tj http//www.mmk.tj.

**«Имзои Маҳмадшозода Ф.А.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори бахши кадрҳо ва коргузории Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Қурбонзода Ш.И.**